# ДАР БОРАИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚИИ ШАҲРВАНДОН ДАР МУНОСИБАТҲОИ УҲДАДОРИҲОИ ОИЛАВӢ

Ношир: Ҳайати тадорукот Санаи интишор: 27 Феврал, 2024 - 11:59
[1]

**Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатӣ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2023 ироа намуданд, ки дар ҷумҳурӣ сиюмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷлил мегардад, бинобар ин, соли 2024-ро соли маърифати ҳуқуқӣ эълон намуданд.**

Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол, ки заминаи эъмори давлати мустақили миллӣ ва пешравии тамоми ҷанбаҳои ҳаёти мардуми кишварро фароҳам овардааст, яке аз дастовардҳои муҳимтарини мо мебошад. Дар ин замина аз 30 декабри соли 2023, №668 фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи эълон гардидани соли 2024 «Соли маърифати ҳуқуқӣ» батасвиб расидааст. Яке аз рукнҳои давлатдорӣ ин ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои мардону занон дар ҷомеа мебошад. Дар даврони соҳибистиқлолӣ мақоми занон дар ҷомеа марҳила ба марҳила баланд гардида, барои онҳо шароити муносиби фаъолият фароҳам оварда шудааст.
Таҳқиқоти мазкур барои баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии мардону занон оид ба масъалаҳои рухсатӣ баромадан барои нигоҳубини кӯдак ба роҳ монда шудааст. Ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолат дода мешавад. Тибқи моддаи 33 Конститутсия давлат оиларо ҳамчун асоси ҷамъият ҳимоя мекунад.
Дар асоси моддаи 32 Кодекси оилаи ҶТ баробарҳуқуқии зану шавҳар дар оила муайян гардида, онҳо дар интихоби шуғл, таҳсилот, касб, намуди фаъолият, маҳалли истиқомат ва будубош озоданд. Масъалаҳои падариву модарӣ, таълиму тарбияи фарзандон ва масъалаҳои дигари ҳаёти оилавиро зану шавҳар якҷоя, бо дарназардошти принсипи баробарҳуқуқӣ ҳал менамоянд.

Тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо» муносибатҳо оид ба таъмини кафолатҳои конститутсионии баробарҳуқуқии мардону занон дар соҳаи иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва ғайра ба танзим даровардашуда, дар ҷумҳурӣ ҳуқуқпоймолкуниҳо аз рӯи аломати ҷинсӣ пешгирӣ карда мешаванд. Масъалаи гендерӣ муносибатҳои иҷтимоии байни мардону занон буда, дар ҳаёти ҷамъиятии онҳо зоҳир мегардад. Дар ин замина баробарҳуқуқӣ, аз ҷумла, ҳуқуқ, уҳдадорӣ ва масъулияти баробари мардон ва занон дар назди қонун ба вуҷуд омада, танзим карда мешавад.
Тибқи моддаи 3 Қонуни мазкур поймол кардани ҳуқуқи мардону занон манъ аст. Вайрон намудани талаботи қоидаҳои муқаррарнамудани қонун нобаробарии мардону занон мебошад, аз ин рӯ, принсипе, ки ба баробарии гендерӣ асос ёфтааст, поймолкунии ҳуқуқ шуморида шуда, бояд бо тартиби муқарраркардаи Қонуни мазкур бартараф карда шавад. Вобаста ба масъалаи мазкур қайд менамоем, ки чораҳои махсуси ҳифзи саломатии мардону занон, муҳофизати махсуси занон вобаста ба ҳомиладорӣ ва таваллуди кӯдак ва амалӣ гардонидани талаботи Қонуни мазкур чораҳои поймолкунии ҳуқуқ намебошанд. Инчунин, қайд менамоем, ки дар асоси моддаи 7 Қонуни мазкур вазъияти оилавии мардону занон ҳангоми иҷрои вазифаҳои хизматӣ ва меҳнатӣ ба назар гирифта мешаванд. Корфармо вазифадор аст барои мардону занон, аз он ҷумла вобаста ба танаффуси иҷозатдодаи қонунгузорӣ дар фаъолияти меҳнатӣ, рухсатии ҳомиладорӣ, таваллуд ва нигоҳубини тифл ва иҷрои дигар вазифаҳои давлатӣ низом ва тартиби бозомӯзӣ ва такмили ихтисос дошта бошад.
Тибқи моддаи 35 Конститутсия ҳар кас ба меҳнат, интихоби касбу кор, ҳифзи меҳнат ва ҳимояи иҷтимоӣ ҳангоми бекорӣ ҳуқуқ дорад. Дар муносибатҳои меҳнатӣ ҳама гуна маҳдудият манъ аст. Вобаста ба масъалаи мазкур тибқи моддаи 90 Кодекси меҳнати ҶТ

рухсатиҳои иҷтимоӣ муайян шудааст, ки аз инҳо иборат мебошад: - рухсатӣ барои ҳомиладорӣ ва таваллуд; - рухсатӣ барои нигоҳубини кӯдак; - рухсатӣ барои таҳсил; - рухсатии эҷодӣ.

Дар баробари ин, масъалаи рухсатии иҷтимоӣ тибқи моддаи 114 Кодекси мазкур танзим карда мешавад, ки рухсатии иҷтимоӣ ба кормандон барои ҳомиладорӣ, таваллуд ва нигоҳубини кӯдак бе ҷудошавӣ аз истеҳсолот дода мешавад. Ҳуқуқи кормандон ба рухсатии иҷтимоӣ ба давомнокӣ, ҷой ва намуди кор, номгӯй ва шакли ташкилию ҳуқуқии ташкилот вобаста нест. Дар вақти рухсатии иҷтимоӣ ҷойи кори пештара нигоҳ дошта мешавад ва дар ҳолатҳои дар Кодекси мазкур, созишнома ва шартномаҳои коллективӣ пешбинишуда музди меҳнат нигоҳ дошта мешавад. Рухсатии иҷтимоӣ илова ба рухсатии меҳнатӣ дода мешавад. Рухсатии иҷтимоӣ барои ҳамон соли тақвимие дода мешавад, ки корманд ба он ҳуқуқ дорад. Дар ҳолати истифода набурдани рухсатии иҷтимоӣ дар соли ҷории тақвимӣ он ба соли дигари корӣ гузаронида намешавад ва бо маблағи пулӣ ҷуброн карда намешавад, аз ҷумла, дар сурати аз кор озод шудан.

Пардохти рухсатиҳо дар асоси моддаи 113 сурат мегирад. Рухсатиҳои меҳнатӣ ва иҷтимоии пардохтшаванда (ба ғайр аз рухсатӣ барои ҳомиладорӣ ва таваллуд (моддаи 223 Кодекси мазкур) ва барои нигоҳубини кӯдак (моддаҳои 224 ва 225 Кодекси мазкур) аз ҳисоби маблағҳои корфармо ва дар ташкилотҳое, ки аз буҷети давлатӣ маблағгузорӣ мешаванд, аз ҳисоби маблағҳое, ки дар сметаи хароҷот барои нигоҳдории онҳо ва музди меҳнат пешбинӣ гардидаанд, пардохт карда мешаванд. Инчунин, рухсатиҳо барои ҳомиладорӣ ва тавваллуд, рухсатӣ барои нигоҳубини кӯдак аз ҳисоби маблағҳои суғуртаи давлатии иҷтимоӣ пардохт карда мешаванд.

Ҳамзамон, масъалаи танзими рухсатии ҳомиладорӣ ва таваллуд тибқи моддаи 223 Кодекси мазкур муайян шудааст, ки ба занони ҳомила дар асоси варақаи корношоямии бо тартиби муқарраргардида додашуда пеш аз таваллуд ҳафтод рӯзи тақвимӣ ва баъд аз таваллуд низ ҳафтод (дар ҳолати таваллуди мушкил - ҳаштоду шаш, таваллуди ду ва ё зиёдаи кӯдак - яксаду даҳ) рӯзи тақвимӣ рухсатӣ барои ҳомиладорӣ ва таваллуд дода, кумакпулӣ аз ҳисоби суғуртаи давлатии иҷтимоӣ пардохт карда мешавад. Ба занон рухсатӣ барои ҳомиладорӣ ва таваллуд, новобаста аз рӯзҳои истифодаи воқеӣ то таваллуд ва давомияти кор дар ташкилот дар маҷмӯъ пурра ҳисоб карда, дода мешавад.

Қайд менамоем, ки масъалаи танзими рухсатӣ барои нигоҳубини кӯдак тибқи моддаи 224 Кодекси мазкур муқаррар шудааст, ки баъд аз ба охир расидани рухсатӣ барои ҳомиладорӣ ва таваллуд бо хоҳиши зан барои нигоҳубини кӯдак то ба як солу шашмоҳагӣ расидани ӯ рухсатӣ дода, дар ин давра аз ҳисоби маблағҳои суғуртаи давлатии иҷтимоӣ кумакпулӣ дода мешавад. Барои нигоҳубини кӯдак то ба се солагӣ расидани ӯ рухсатии бемузд бо хоҳиши кормандони зерин дода мешавад: - бо интихоби падару модар - ба модар ё ки ба падари кӯдак; - ба падар ё модари танҳое, ки кӯдакро тарбия менамояд; - бибӣ, бобо, дигар намояндаи қонунии кӯдак, ки кӯдаки бепарастории падару модар мондаро, тарбия мекунанд; - ба корманд, ки кӯдаки навтаваллудшударо ба парасторӣ (фарзандхондӣ) гирифтааст. Ҳамзамон, рухсатии бе нигоҳ доштани музди меҳнат барои нигоҳубини кӯдак то расидан ба се солагӣ метавонад пурра ё қисман дар асоси аризаи хаттии корманд, ки дар қисми 2 моддаи мазкур пешбинӣ шудааст, аз рӯи интихоби ӯ истифода карда шавад. Бо хоҳиши зан ё шахсоне, ки дар қисми 1 моддаи мазкур зикр шудаанд, ҳангоми дар рухсатии нигоҳубини кӯдак будан, онҳо метавонанд рӯзи нопурраи корӣ ё дар хона кор карда, аз ҳисоби маблағҳои суғуртаи давлатии иҷтимоӣ кумакпулӣ гиранд. Дар вақти рухсатии бе нигоҳ доштани музди меҳнат барои нигоҳубини кӯдак то расидани ӯ ба се солагӣ ба корманд ҷойи кор (мансаб) нигоҳ дошта мешавад. Вақти рухсатии бе нигоҳ доштани музди меҳнат барои нигоҳубини кӯдак то расидан ба сесолагӣ ба собиқаи меҳнатии умумӣ, бетанаффус ва аз рӯи ихтисос дохил карда мешавад, агар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигарро пешбинӣ накарда бошад. Корманд уҳдадор аст, як моҳ пеш аз оғози кор корфарморо дар бораи хоҳиши ба кор баромадан то тамом шудани рухсатии бемузд барои нигоҳубини кӯдаки то се сола огоҳ намояд.

Рухсатии кормандоне, ки кӯдакони навзодро фарзандхонд кардаанд ё васии онҳо мебошанд тибқи талаботи моддаи 226 Кодекси мазкур амалӣкарда мешавад. Ба кормандоне, ки кӯдакони навзодро тибқи қонунгузории ҶТ фарзандхонд кардаанд ё васии онҳо мебошанд, барои давраи фарзандхондӣ (муқаррар шудани васоят) ва то хатми ҳафтод (ҳангоми фарзандхонд кардани ду кӯдаки навзод - яксаду даҳ) рӯзи тақвимӣ аз рӯзи таваллуди кӯдак барояшон рухсатӣ дода, кумакпулӣ аз ҳисоби суғуртаи давлатии иҷтимоии ин давра пардохта, бо хоҳиши онҳо барои то расидан ба як солу шашмоҳагӣ ва сесолагӣ нигоҳубин

кардани кӯдакашон рухсатӣ дода мешавад. Ҳамзамон, кафолат ва имтиёзҳо ба шахсоне, ки кӯдаконро бе модар тарбия мекунанд (дар ҳолати фавти модар, аз ҳуқуқи модарӣ маҳрум шудан, дуру дароз дар муассисаи табобатӣ будан ва дар дигар ҳолатҳои кӯдакро парасторӣ карда натавонистани модар), инчунин ба васии (парастори)ноболиғон дар асоси моддаи 227 Кодекси мазкур муайян шудааст, дода мешавад.

Дар баробари ин, қайд менамоем, ки тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Тартиб ва шартҳои пардохти кӯмакпулиҳо ҳангоми корношоямии муваққатӣ, ҳомиладорию таваллуд ва кӯмакпулиҳои оилавӣ» аз 14 октябри соли 2014, №630 тасдиқ гардидааст, мавриди амал қарор дорад, ки тартиби пардохти кӯмакпулиҳо ҳангоми корношоямии муваққатӣ, ҳомиладорию таваллуд ва кӯмакпулиҳои мардону занон муқаррар карда шудааст, ки аз ҷониби мақомот ва ташкилоту муасисаҳои ваколатдор амалӣ карда мешавад.

Қобили зикр аст, ки барои таъини кӯмакпулӣ барои ҳомиладорӣ ва таваллуд варақаи корношоямӣ, ки бо тартиби муқарраргардида дода мешавад, асос мебошад. Дигар ҳуҷҷатҳо барои пардохти маблағ асос шуда наметавонанд. Кӯмакпулиҳо ба занони суғурташуда мутаносибан барои 140 рӯзи тақвимӣ пардохта мешавад. Дар сурати таваллуди душвор, кӯмакпулӣ барои 156 рӯз ва ҳангоми таваллуди ду ё бештар аз он кӯдак барои 180 рӯз пардохт карда мешавад.

Инчунин, дар сурати пешниҳод намудани рухсатӣ барои ҳомиладорӣ ва таваллуд дар вақти рухсатии пардохтшаванда барои нигоҳубини кӯдак, бо интихоби зан, барои давраи гирифтани кӯмакпулӣ барои нигоҳубини кӯдак ба ӯ як намуди кӯмакпулӣ, ё кӯмакпулӣ барои ҳомиладорӣ ва таваллуд ё кӯмакпулӣ барои нигоҳубини кӯдак пардохт мешавад. Инчунин, шахсони суғурташуда, ки кӯдакони навзодро аз таваллудхона фарзанд хондаанд ва ё васигии онҳоро ба уҳда гирифтаанд, ба рухсатии ҳомиладорӣ ва таваллуд барои давраи ҳафтод рӯзи баъди таваллуди кӯдак дар асосҳои умумӣ ҳуқуқ доранд.

Ҳамзамон, қайд менамоем, ки ҳангоми рухсатӣ барои нигоҳубини аъзои бемори оила кӯмакпулӣ барои корношоямии муваққатӣ дар ҳолате дода мешавад, ки агар набудани нигоҳубин ба ҳаёт ва саломатии бемор хатар таҳдид намояд ва ҷойгир намудани ӯ дар беморхона аз рӯи нишондодҳои тиббӣ ғайриимкон буда, дар байни аъзои оила шахси дигари қобили беморро нигоҳубин кардан набошад (зани хонакор аъзои оила ба ҳисоб намеравад). Дар мавриди бемор шудани кӯдаки то синни дусола кӯмакпулӣ ба модари ӯ, новобаста аз будан ё набудани дигар аъзои оила, ки қобилияти нигоҳубинро дорад, дода мешавад. Чунин кӯмакпулиҳои нигоҳубини аъзои бемори оила барои на зиёда аз се рӯзи тақвимӣ дода мешавад. Дар ҳолатҳои истисноӣ вобаста аз вазнинии беморӣ ва вазъи маишии оила, пардохти кӯмакпулӣ метавонад ба муҳлати на зиёда аз ҳафт рӯз давом дода шавад. Чунин кӯмакпулиҳо барои нигоҳубини кӯдаки бемори то синни чордаҳсола барои давраи ба нигоҳубин муҳтоҷ будани кӯдак, вале на зиёда аз чордаҳ рӯз дода мешавад.

Тибқи тартиби мазкур кӯмакпулиҳо ба яке аз волидайн ё дигар хешованди кӯдаки бемор, ки барои тамоми давраи дар статсионар бо кӯдак ҳамроҳ будан аз кор муваққатан озод шудааст, дода мешавад. Кӯмакпулиҳо ба шахси коргар барои нигоҳубини кӯдаки то синни сесола ё кӯдаки маъюби то синни ҳаждаҳсола дар сурате дода мешавад, ки модари кӯдак бемор буда, кӯдакро нигоҳубин карда наметавонад.

Ба кормандоне, ки дар рухсатии навбатӣ, иловагӣ, нигоҳубини кӯдак ё рухсатии бемузд мебошанд, кӯмакпулии дар банди мазкур пешбинишуда дода намешавад.

Қайд менамоем, ки масъалаи танзими рухсатӣ барои нигоҳубини кӯдак дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳали худро ёфтааст. Барои нигоҳубини кӯдак то ба се солагӣ расидани ӯ рухсатии бемузд бо хоҳиши падару модар, ба модар ё ки ба падари кӯдак, ба падар ё модари танҳое, ки кӯдакро тарбия менамояд, бибӣ, бобо ва ё дигар намояндаи қонунии кӯдак, ки кӯдаки бепарастории падару модар мондаро, тарбия мекунанд ва ё ба корманд, ки кӯдаки навтаваллудшударо ба парасторӣ (фарзандхондӣ) гирифтааст дода мешавад.

**Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,**
**омӯзгори кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва**
**тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ   Мансурӣ Шодмон Ҷамолиддинзода**

**Баҳодиҳии муҳтаво:** 1

Баҳои миёна: 1 (1 овоз)

Rate

## Категория:

- Ахбори рӯз [2]
- Мақолаҳо [3]

**Манбаъ::**https://kumitaizabon.tj/tg/content/dar-borai-baland-bardoshtani-marifati-khukukii-shakhrvandon-dar-munosibatkhoi-ukhdadorikhoi

**Пайвандҳо**
[1] https://kumitaizabon.tj/sites/default/files/field/image/Shodmon_1.PNG [2] https://kumitaizabon.tj/tg/category/%D0%B0%D1%85%D0%B1%D0%BE%D1%80%D0%B8-%D1%80%D3%AF%D0%B7 [3] https://kumitaizabon.tj/tg/category/%D0%BC%D0%B0%D2%9B%D0%BE%D0%BB%D0%B0%D2%B3%D0%BE